# ТАҚРИЗ

**ба рисолаи номзадии Ҷумъабой Зарифӣ дар мавзӯи: «Биоморфология ва таркиби сенопопулятсияи *Inula macrophylla* KAR. et KIR. дар шароити гуногуни экологии Тоҷикистони Ҷанубӣ », барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми биология аз рӯи ихтисоси 03.02.01- Ботаника пешниҳод гардидааст.**

**Мубрамӣ ва зарурияти баргузории таҳқиқот аз рӯйи мавзӯи дисссертатсия**.Чоқлаи калонбарг *INULA MACROPHYLLA* **KAR. et KIR** растании бисёрсолаи узви зеризаминиаш каудексдор буда, ба оилаи мураккабгулон таалуқ дорад. Хусусиятҳои биологии ин растанӣ дар он зоҳир мегарданд, ки вай пояи баланд дошта (1-2 м), ранги гулҳояш зард, баргони содда дорад. Растани дар таркиби типҳои гуногуни набототи Тоҷикистони Ҷанубӣ васеъ паҳн гаштааст. Растани аломатҳои пурқимати ҷамоаташкилкунандагӣ, доругӣ ва хӯроки чорворо дорад. Аз ҳамин сабаб, зарурияти омӯхтани биологияи намуд ва механизми мутобиқшавии он дар сатҳи гуногуни инкишофёбиаш дар шароити гуногуни экологии Тоҷикистон омухта шудааст.

**Мақсади таҳқиқот:** Маълум намудани давраҳо ва инкишофи поливариантии фардҳо вобаста аз шароити гуногуни экологӣ дар онтогенез ва таркиби сенопопулятсияҳои он. Муайян намудани вобастагии ҳосилнокии чоқлаи калонбарг аз шароити сабзишаш, типи биоморфологӣ ва сохтори сенопопулятсия гуногуни он.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Муаллиф дар асоси натиҷаҳои илмии бадастоварда ва муҳокима барои ҳимоя, муқаррароти зерини рисола пешниҳод карда мешаванд: 1.Устувории ҳолати сенопопулятсияи *I. macrophylla* бо ташаккулёбии онтогенез дар се шакли биоморфология нишон медиҳад, ки ин яке аз аломатҳои беҳтарини мутобиқшавии намуди мазкур дар шароити мухталифи Тоҷикистони Ҷанубӣ мебошад. Ба ғайр аз ин муаллиф, мутобиқшавии растаниро дар шароити гуногуни экологӣ аз нишондоди баланди ҳосилнокии тухмии фардҳо дар ҷамоаи он вобастагӣ доштанашро нишон медиҳад.

2. Муаллиф ҳосилнокии максималиро ҷамоаи чоҳлазор бо аломатҳои сенопопулятсионӣ ва организмии *I. macrophylla* дар нишебиҳои самти ҷанубии набототи шибляк ва нимсаваннаҳо, ки ин омӯзиши намуди мазкурро дар сатҳн ҷамоаи гуногун муайян кардааст.

Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 12 корҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ (ахбори АМИТ) ва 6-маводҳои конфронсҳои ФР ва ҶТ нашр шудаанд, ки ин яке аз аломати пурра омӯхташудаи намуди мазкур мебошад.

Умуман, диссертатсияи Ҷумъабойи Зарифӣ дар мавзуи «Биоморфология ва таркиби сенопопулятсияи *Inula macrophylla* KAR. et KIR. дар шароити гуногуни экологии Тоҷикистони Ҷанубӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267) омода шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, мазмуну мундариҷаи он ба муҳтавои автореферати диссертатсия мувофиқат мекунад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биология аз рӯйи ихтисоси 03.02.01-Ботаника сазовор мебошад.

Директори МД Маркази такмили ихтисоси кормандони
КАС-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур н.и.к., дотсент
аз руи ихтисоси экология ______________________________Мирзозода И.А.

**E-mail: rectortau31@mail.ru // www.tajagroun.tj**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ-146, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.
Нишона: шаҳри Душанбе, Ҷумхурии Тоҷикистон, Телефон +(992)90000-77-94, E-mail: idibek_mirzoev@mail.ru

Имзои н.и.к., дотсент аз руи ихтисоси экология
Мирзозода И.А.-ро тасдиқ мекунам, сардори шуъбаи
таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳо ___________________________Қурбонзода А.Х.

08.04.2025